**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «01» ноябри соли 2021 № 316/ан. ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои Шариф» аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ бинобар риоя нагардидани талаботи фармоиши Комиссия аз 27 апрели соли 2020, №4 бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.
4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.
5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2021, №8.

Раис Розиқзода А.